**ХУЛОСАИ**
**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба диссертатсияи Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович дар мавзуи «Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи Х1Х – нимаи аввали садаи ХХ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Диссертатсияи Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович ба омӯзиши як давраи махсуси таърих ва назарияи сухансанҷӣ бахшида шудааст. Дар он аввалин бор заминаҳои шинохти афкори адабӣ ва вазъи сухансанҷии навини тоҷик дар маҷмуи умумии таърихи ташаккули накди адабӣ, моҳият ва равиши таҳқику накди адабиёт дар охири садаи Х1Х ва нимаи аввали садаи ХХ бо такя ба сарчашмаҳои илмиву адабии ин давра муайян шудааст. Муаллиф ба ҷанбаҳои назарӣ, масъалаҳои даврабандӣ ва муаммои нашри манбаъҳои адабиву интиқодии ин давра низ таваҷҷуҳи хоса кардааст.

Диссертатсия аз муқаддима, 4 боб (16 фаслу 5 зерфасл), хулоса ва рӯйхати адабиёт фароҳам омада, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефер态ҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия», ки бо қарори Раёсати КОА ҶТ аз 28-уми июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, таълиф шудааст.

Дар адабиётшиносии кунунии тоҷик аввалин маротиба заминаҳои таҷассуми накди адабӣ ва назари интиқодии аҳди маорифпарварӣ ва ҷадидӣ, моҳият, равиши таҳқиқ ва накди адабиёт дар охири садаи Х1Х ва аввали садаи ХХ равшан шуда ва, ба ин васила, масъалаи бозшиносӣ ва муаммои нашри манобеъи адабиву интиқодии ибтидои ин давра манзури назари аҳли таҳқиқ гардидааст.

Рисола бо фарорафти васеъи илмӣ ва назарӣ таълиф шуда, сохтори он ҷолиби таваҷҷуҳ аст. Дастабандии масъалаҳои асосӣ дар сурати бобу фаслҳо бо меъёри замонбандӣ ҷолиб ҷараён гирифтааст. Дар байни бобҳои

рисола пайванди қавие ҳаст, ки аз таҳлили амиқи матлаб ва ҷараёни дурусти гузориши масъала дар рисола дарак медиҳад.

**Ҳадафи аслии диссертатсия** пажӯҳиши таърих ва назарияи нақди адабии охири садаи X1X ва нимаи аввали садаи XX бо такя ба омӯзиши васеи манобеъи адабӣ, илмӣ, таърихӣ ва матбуотӣ мебошад. Вобаста ба ин ҳадафи диссертант равшан кардани заминаҳои ривоҷи сухансанҷӣ ва назари интиқодии аҳли адаб, тазкиранигорон, муаллифони мақолаву китобҳо, моҳияту равиши таҳқиқ ва нақди адабиёт дар ин давра аст. Муҳимтарин фазилати диссертатсия ба миён гузоштани масъалаҳои бозшиносӣ ва муаммои нашри сарчашмаҳои адабиву интиқодии ибтидои ибтидои садаи XX, таъини марҳалаҳои афкори сухансанҷии нави тоҷик, арзёбӣ ва шинохти меъёрҳои сухан дар тазкираҳо, таъини ҷойгоҳи маҳфилҳои сухан ва анъанаҳои нақд, арзёбии нақди адабӣ дар оинаи матбуоти тоҷик, арзёбии муаммои таҳқиқи муштараки таърихи адабиёт ва матбуот, таҳқиқи вежагиҳои нақд дар китобҳои таърихи адабиёт дар аҳди нав, арзёбии мақоми шоирони форс-тоҷик аз назари наққодӣ ва арзёбии ҷойгоҳи намояндагони нақди адабӣ мебошад.

Яке аз дастовардҳои асосӣ дар диссертатсия бозгӯи ҷомеъи таҳқиқ ва нашри сарчашмаҳои адабиву интиқодии ибтидои садаи X1X – ибтидои садаи XX мебошад. Афзун бар ин аввалин маротиба вежагиҳои ду давраи муҳимми афкори адабӣ ва сухансанҷии нави тоҷик – марҳалаи то инқилобӣ ва баъди инқилоб дар пайвастагӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Диссертатсия аввалин кӯшиши арзёбии ҷамъи тазкираҳо ва нақши онҳо дар шаклгирии нақди нави тоҷикӣ мебошад, ки меъёрҳои қазовати суханро дар ин гуна асарҳо бозгӯӣ мекунад.

Дар диссертатсия аввалин маротиба ба ҷойгоҳи дидгоҳҳои наққодӣ дар маҳфилҳои адабӣ сухан рафта ва он чун идомаи анъанаҳои мақбули нақди адабӣ дар гузашта гуфтугӯ шудааст.

Яке аз навгониҳои дигари таҳқиқ бозгӯи вежагиҳои нақд дар мисоли кӯшишҳои офаридани китобҳо оид ба таърихи адабиёт дар давраи нав зоҳир

мешавад. Ба ин муносибат дар рисола нахустин маротиба ба ҷойгоҳи аввалин таърихномаи адабиёти давраи нав – «Очерки адабиёти советии тоҷик» баҳо дода шуда, он чун кӯшиши аввалини адабиётшиносону ноқидон дар заминаи офаридани китобҳо оид ба таърихи адабиёт баррасӣ ёфтааст.

Мақсад ва вазифаҳое, ки дар назди диссертант дар таҳқиқи мавзуъ пеш гузошта шудаанд, дар сатҳи назаррас ба иҷро расидаанд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ва тавсияҳо барои истифодаи амалии он ба таври муҷаз баён шудаанд. Амиқу боасос будани пажӯҳиш ва хулосаҳои бардоштаи муаллиф гувоҳи он аст, ки ӯ дар фосилаи солҳо ба таври самарабахш перомуни ин мавзуи таҳқиқ кори илмӣ анҷом додааст.

Дар маҷмуъ диссертатсия ба талаби банди 31-33-юми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, таҳти №295 «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо» тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъу мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) комилан мувофиқ мебошад. Вобаста ба кори таҳқиқӣ 2 рисола, 1 маҷмуаи мақолаҳо, 16 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 56 мақола дар маҷаллаву маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба табъ расонида, ки дар маҷмуъ натиҷаҳои асосӣ ва хулосаҳои муҳаққикро равшан инъикос карда ва ба мазмуну муҳтавои кор бевосита алоқаманд мебошанд. Рисолаву мақолаҳои илмӣ ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Автореферат ва мақолаҳо оид ба мавзуъ ва мазмуни диссертатсия комилан мувофиқанд ва фарогири мазмуну муҳтаво мебошанд. Дар онҳо

истифодаи мавод бе ишора ба муаллиф ва ё маъхаз ба назар намерасад, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ дорад.

Мазмуну муҳтаво, аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмӣ ва арзиши амалии корро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба хулосае омад, ки диссертатсияи Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷоновичро дар мавзуи «Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи Х1Х – нимаи аввали садаи XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037-и назди МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар ҳайати Ғаффорова Умеда Абдуллоевна – доктори илмҳои филологӣ, профессори МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (раис), Одинаев Нурмуҳаммад Сафарович – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (аъзо) ва Султонзода Тоҷибой Султонӣ – доктори илмҳои филологӣ, дотсенти МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (аъзо) рисолаи диссертатсионии Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷоновичро дар мавзуи «Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи Х1Х – нимаи аввали садаи XX», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) пешниҳод гардидааст, баррасӣ намуда ва ба чунин хулоса омадааст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Кори диссертатсионии Аъзамов Субҳонҷон Баҳромҷонович дар мавзуи «Афкори адабии тоҷикӣ дар охири садаи Х1Х – нимаи аввали садаи XX» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08. – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мувофиқ буда, онро ба дифоъ пешниҳод кардан мумкин аст.

2. Комиссияи экспертӣ адабиётшиносони зеринро ба ҳайси муқарризи расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Муқарризи расмии аввал -** Сӯфизода Шодимуҳаммад, доктори илмҳои филологӣ, профессор, директори Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

- **Муқарризи расмии дуввум** -Салимӣ Носирҷон Юсуфзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, аъзои Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **Муқарризи расмии севум** -Худойдодов Аъзам Овлододович, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

3. Ба сифати муассисаи тақриздиҳанда Донишгоҳи миллии Тоҷикистон интихоб карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаи таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
**доктори илмҳои филологӣ, профессор,**
**узви Шурои диссертатсионӣ** **Ғаффорова У. А.**

**Аъзои комиссияи ташхис:**
**доктори илмҳои филологӣ, дотсенти**
**кафедраи фанҳои гуманитарии**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Одинаев Н. С.**

**доктори илмҳои филологӣ, дотсент** **Султонзода Т. С.**

Имзоҳои Ғаффорова У. А., Одинаев Н. С., Султонзода Т. С.Н.-ро тасдиқ мекунам:

**Сардори раёсати кадр ва корҳои махсуси МДТ**
**«ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»** **Наврузов Э. М.**

«11» марти соли 2024